«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон, д.и.и., дотсент
____________ Раҳмонзода З.Ф.
«____» ______________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) пешниҳод шудааст**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Дилшод Шералӣ, ки дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои ҳимоя пешниҳод шудааст, тибқи Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603– Иқтисодиёти ҳудудӣ) таҳия гардида, ба бандҳои 6; 11; 21 ва 25-и шиносномаи ихтисоси мазкур мувофиқат мекунад.

## 2. Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Дар марҳилаи муосир масъалаи хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар сатҳи минтақавӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини рушди иқтисодии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар шароити кунунӣ барои рушди устувори иқтисодии ҳар як кишвари мустақил муҳим арзёбӣ мегардад. Он дар соҳаҳои молиявӣ ва инфрасохторӣ заминаи мусоидро фароҳам меорад, ки дар навбати худ ба афзоиши дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, масъалаи фароҳам овардани иқлими мусоиди сармоягузорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар маҳсуб меёбад.

Сармоягузории хориҷӣ ба минтақаҳои алоҳида имкон медиҳад, ки ба сармоягузории байналмилалӣ, ки аз бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ ҷалб мешаванд, дастрасӣ пайдо намоянд. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ яке аз механизмҳои муассир барои ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, интиқоли таҷрибаи беҳтарини ҷаҳонӣ ба соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ,

такмили таҷрибаи идоракунӣ ва суръат бахшидан ба табдилёбии рақамии тамоми соҳаҳо ва иқтисоди рақамӣ ба ҳисоб меравад.

Дар асоси таҷрибаи кишварҳои пешрафта қайд кардан мумкин аст, ки дар марҳилаи муосири рушди иқтисодии мамлакат ҷиҳати таъмини рушди индустриалӣ ва инноватсионии иқтисодиёти миллӣ, ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ ба иқтисодиёти минтақаҳои алоҳида вазифаи муҳим ба ҳисоб рафта, ҳалли самараноки он тавассути баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ ва ҷолибияти сармоягузории минтақаи алоҳида барои сармоягузорони эҳтимолӣ имконпазир аст.

Таҳқиқоти иҷрошуда ба самтҳои рушди илми иқтисодӣ ва фаъолияти хоҷагидории кишвар, махсусан дар вилояти Хатлон робитаи ногусастанӣ дорад. Ҳамзамон, мавзуи кори диссертатсионӣ ба бандҳои алоҳидаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии тасдиқшудаи давлатӣ, Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025 алоқамандии зич дорад.

Дар робита ба ин, асосноккунии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва рушди хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар мамлакат, махсусан дар вилояти Хатлон аҳаммияти зиёди илмӣ ва амалӣ дорад. Аз ин рӯ, мавзуи интихобгардида мубрам буда, дорои аҳаммияти муҳимми назариявию методологӣ ва амалӣ мебошад. Ин нукта ва гуфтаҳои боло мубрамии мавзуъ ва зарурати таҳқиқи хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷиро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар шароити рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат нишон медиҳад.

### 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Дилшод Шералӣ аз асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ, таҳлили равандҳои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар минтақа ва таҳияи тавсияҳои амалии илман асоснокшуда оид ба такмили фазои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон иборат мебошад.

Натиҷаҳои муҳимми таҳқиқот, ки ҳамчун унсурҳои навгониҳои илмӣ баррасӣ шудаанд, аз унсурҳои асосии зерин иборат мебошанд:

– муҳаққиқ дар асоси таҳқиқи консепсияҳо ва назарияҳо дидгоҳи муаллифии консепсияи «иқлими мусоиди сармоягузорӣ» дар минтақаи алоҳида аз ҷиҳати илмӣ асоснок намуда, нақши сармоягузориҳои ҷалбшударо дар рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон ошкор кардааст, ҳамчунин дар ин

қисмати навгонии илмӣ тафсири илмии хусусиятҳои ошкоршуда дар мисоли минтақаи алоҳида, аз ҷумла хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодӣ муаян гардида, таҳлили институтсионалии иштироки сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди хоҷагии минтақавӣ гузаронида шудааст ва муаллиф марҳилаҳои ташаккули муҳити мусоиди сармоягузориро дар вилоят пайгирӣ намудааст;

– аз ҷониби муаллиф ҷанбаҳои мусбати ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар соҳа таҳлил карда шудаанд. Диссертант муайян намудааст, ки вилояти Хатлон аз рӯи ҳаҷми захираҳои меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад, инчунин минтақа аз рӯи ҳаҷми ҳисобшудаи иқтидори гидроэнергетикӣ, аз рӯи майдони заминҳои таъиноти кишоварзӣ пешсаф аст ва ҳамзамон минтақа аз маъданҳои фоиданок, иқтидорҳои коркардшаванда, иқтидори сайёҳӣ ва фароғатӣ бой мебошад. Натиҷагирӣ карда шудааст, ки ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ дар давраи таҳқиқотӣ (2015-2023) каме коҳиш ёфтааст ва қисми зиёди маблағҳои ҷалбшуда на ба кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, балки аз Чин, Олмон, Ҷопон, Люксембург ва ғайра рост меояд. Муҳаққиқ дар раванди таҳқиқот собит намудааст, ки минтақа дар ин бобат каме қафо монда, аз дигар минтақаҳои мамлакат – шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд, дар дохили худи вилоят низ ҳиссаи ноҳияҳо ва шаҳрҳо оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ, ба истисноии ноҳияҳои Данғара, Ёвон, Қубодиён ва худи шаҳри Бохтар ва дигар воҳидҳои маъмурӣ ниёз ба такмил дорад. Муаллиф муайян намудааст, ки дар сохтори сармоягузориҳои ҷалбшуда дар соҳа ҳанӯз ҳам сармоягузории мустақими хориҷӣ бартарӣ дорад ва сармоягузориҳои портфелӣ қисми ночизро ташкил медиҳанд;

– дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда диссертант ба он назар аст, ки самаранокии пасти МОИ ”Кулоб” ва “Панҷ” бо ҷалби фаъоли сармоягузории хориҷии МОИ “Данғара” мутобиқат намекунад, ки ин омил зарурати рушди минтақаҳои мазкур ва таъсиси минтақаҳои нави озоди иқтисодиро барои воридшавии сармоягузориҳои хориҷӣ шарти муҳим мегардонад. Ба назари муаллиф, дар сурати такмили қонунгузории соҳа, ба роҳ мондани тарроҳии касбии бизнес-нақшаҳо, ки пажӯҳиши ҷиддии бозорҳои минтақавӣ, мавҷудияти мутахассисони соҳибкасбро дар назар дорад, рушди инфрасохтори зарурӣ, модернизатсияи собиқ корхонаҳои азими минтақа, воридоти технологияи муосир ва таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ ба татбиқи имконияту иқтидорҳои мавҷудаи сармоягузорӣ ноил гардидан мумкин аст;

– аз ҷониби муҳақиқ омилҳое, ки ба афзоиши воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти вилояти Хатлон монеа мешаванд, муайян карда шудаанд, ки аз рушди нокифояи иқтидорҳои инфрасохторӣ, нокомилии заминаи институтсионалӣ-ҳуқуқӣ, мавҷудияти хавфҳои баланд (ҳам молиявӣ

ва ҳам иқтисодӣ), тарифҳои баланди андоз ва гумрук, оқибатҳои экологии тақвияти фаъолияти хоҷагидорӣ, сармоягузории нисбатан паст ба сармояи инсонӣ иборатанд. Ҳамзамон, аз ҷониби муаллиф тадбирҳои афзоиши ин ҷараён пешниҳод карда шудаанд, аз ҷумла қутбҳои рушд, таъкид ба кишоварзии экологӣ, баланд бардоштани сармояи инсонӣ, рушди коркарди амиқ, бахусус саноати пахта ва бофандагӣ, рушди хоҷагии гармхона, парвариши ситрусӣ, рушди бахши истихроҷи маъдан, саноати кимиё ва сохтмон ҳамчун самт барои афзоиши ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ.

## 4. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд

Дар таҳқиқоти диссертатсионии анҷомшуда масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва инкишофи ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар вилояти Хатлон асоснок карда шуда, тамоми пешниҳоду тавсияҳо ва муқаррароти хусусияти назариявӣ ва амалидошта бо истифода аз методологияи мукаммали илмӣ собит карда шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар асосноккунии ҷабҳаҳои назариявӣ ва коркарди тавсияҳои илмӣ, ҷалби маълумотҳои дақиқ оид ба мавзуи таҳқиқот ва коркарди омории онҳо, пешниҳодҳо доир ба таҳкими равандҳои сармоягузорӣ, кифоягии ҳаҷми кори диссертатсионӣ ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳои кори илмӣ дар асоси таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шудааст.

Дар раванди таҳқиқот аз усулҳои таҳлил, синтез, оморӣ, баҳодиҳӣ, мушоҳида, ҷадвалсозӣ ва графиксозӣ ва усули муқоисавӣ истифода бурда шудааст. Истифодаи усулҳои зикргардида ба самаранокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснок ба муаллиф имкон фароҳам овардааст. Инчунин, интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ-амалӣ эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро тасдиқ менамоянд.

## 5. Сохтор, арзёбии моҳият ва сатҳи мукаммалии таҳқиқоти диссертатсионӣ

Вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот сохтор ва мундариҷаи диссертатсия муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар 179 саҳифаи матни компютерӣ баён гардида, 5 расм, 23 ҷадвал, 6 диаграмма ва 2 замимаро дар бар мегирад. Феҳристи адабиёти истифодашуда аз 133 номгӯй иборат буда, аз ҷумла асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок ва дараҷаи таҳқиқ, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф

ва вазифаҳои он, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шуда, саҳми муаллиф дар амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот вобаста ба хулосаву пешниҳодҳои илман асоснок ба таври мушаххас баён гардидаанд (саҳ. 4-13).

**Дар боби якуми диссертатсия - «Масъалаҳои консептуалии ташаккулёбии сармоягузории хориҷӣ»** ҷанбаҳои илмии сармоягузории хориҷӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ таҳқиқ гардида, мавқеи сармоягузории хориҷӣ дар низоми иқтисодиёти милливу минтақавӣ ва махсусияти сиёсати давлатӣ оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд (саҳ. 14-56).

Дар натиҷаи омузиш ва таҳқиқи сарчашмаҳои илмӣ, муаллиф қайд менамояд, ки сармоягузории хориҷӣ ҷараёни ҷалби сармояест, ки интиқоли молҳо, хизматрасониҳо, қувваи корӣ ва технологияро дар бар мегирад, ки аз кишварҳои хориҷӣ барои фаъол гардонидани рушди кишварҳои қабулкунанда ба шумор меравад. Ҳамзамон диссертант, иброз намудааст, ки пайдоиши сармоягузории хориҷӣ метавонад бо таваҷҷуҳи сармоягузорони хориҷӣ ба тараққиёти тиҷорат дар иқтисоди рушдёбанда, пешниҳоди имтиёзҳо дар шакли дастгирии давлатӣ ба мисоли мукаммалсозии қонунгузории андоз ва дигар воситаҳои дастгирии молиявии сармоягузорони хориҷӣ сурат гирад (саҳ.17).

Барои ташаккули дастгоҳи консептуалии таҳқиқот баъзе ақидаҳо ва равишҳои назариявиро оид ба омузиши моҳият ва шарҳи мафҳуми сармоягузорӣ муаллиф мавриди омузиш қарор дода ва дар ҷадвали 1.1 овардааст (саҳ.19). Дар асоси таҳқиқоти анҷомдода муаллиф қайд менамояд, ки сармоягузорӣ ҳамчун шарти муҳимми фаъолияти хоҷагидории кишвар дар марҳилаҳои гуногуни тараққиёт дар диққати махсуси олимони иқтисоддон қарор дошт. Гарчанде аз тарафи олимони мухталиф сармоягузорӣ ба таври гуногун шарҳ дода шуда бошад ҳам, дар маҷмуъ, механизми ҳалли проблемаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, технологӣ ва маишӣ арзёбӣ мегашт (саҳ.21).

Дар кори диссертатсионӣ дуруст қайд шудааст, ки ягон давлати дунё бидуни ҷалби сармоягузории хориҷӣ наметавонад иқтисоди миллиро самаранок ва мутаносиб рушд диҳад. Рушди пешрафти илмию техникӣ, ҷаҳонишавии афзояндаи иқтисоди ҷаҳонӣ ва дигар омилҳо боиси афзоиши ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ва нақши онҳо дар кишварҳои саҳмгузор ва қабулкунанда гардидаанд (саҳ.32). Муаллиф мавқеи сармоягузории хориҷиро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ гуруҳбандӣ намуда, самтҳои афзалиятнок ва мавқеи сармоягузориро пешниҳод кардааст (саҳ.33).

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф қайд менамояд, ки дар сохтори сармоягузорӣ, сармоягузории мустақими хориҷӣ нақши муҳимтаринро мебозад. Маҳз сармоягузории мустақими хориҷӣ барои рушди бахши воқеии иқтисодӣ саҳми арзанда дорад. Вобаста ба ин, муҳаққиқ дар таҳқиқот фоида ва норасоии сармоягузории мустақими хориҷиро гуруҳбандӣ ва пешниҳод намудааст (саҳ.37). Дар натиҷаи омузиш ва таҳқиқ, муаллиф хулоса намуда қайд менамояд, ки сармоягузории хориҷӣ омили асосии рушди минтақавӣ мебошад. Ба туфайли онҳо технологияҳои муосир ҷорӣ карда мешаванд, ҷойҳои нави корӣ пайдо мешаванд, инфрасохтор беҳтар мешавад, ки дар маҷмуъ ба пешрафт дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ оварда мерасонад (саҳ.41).

Муҳаққиқ ба он назар аст, ки марҳилаҳои ташаккулёбии сиёсати сармоягузорӣ ҷузъҳои зиёди фаъолиятро дар бар мегирад, ки татбиқи ҳамоҳангии онҳо барои фаъолгардонии сармоягузории хориҷӣ мусоидат мекунад. Дар робита бо ин, муаллиф марҳилаҳои амалисозии сиёсати соҳавии сармоягузориро дар расми 1.2 овардааст (саҳ. 46). Диссертант, қайд менамояд, ки сармоягузорони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд аз имтиёзҳои мухталиф, аз ҷумла имтиёзҳои андоз, коҳиши боҷи гумрукӣ ва озоди аз андози амвол бархӯрдор бошанд. Вобаста ба ин, муаллиф самт ва усулҳои ҳавасмандгардонии сармоягузории хориҷиро дар расми 1.5 таҳия намуда пешниҳод кардааст (саҳ. 46). Дар таҳқиқот ба омилҳои ташаккули ҷолибияти сармоягузории минтақаҳо диққати махсус дода шудааст. Ҳамзамон, аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар заминаи сарчашмаҳои илмӣ таснифи омилҳои аъсиррасон ба ҷолибияти сармоягузорӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои гуногун коркард ва дар шакли ҷадвал пешниҳод гардидааст (саҳ. 48).

**Дар боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Таҳлили тамоюли рушд ва ҳолати ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон»** ҷолибияти минтақа барои сармоягузориҳои хориҷӣ баррасӣ гардида, ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилоят ва таъсири сармоягузориҳои мустақим ва дигар сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа мавриди таҳлил қарор гирифта, натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шудааст (саҳ. 57-100).

Барои нишон додани эҳтиёҷоти зиёди вилояти Хатлон ба сармоягузории хориҷӣ, бояд таъкид кард, ки вилоят бузургтарин минтақаи ҷумҳурӣ мебошад ва аҳолии он, тавре ки муаллиф дар таҳқиқот қайд кардааст, ба 36% нишондиҳандаи умумиҷумҳуриявӣ наздик мешавад ва ҳиссаи минтақа дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти минтақавии дохилии кишвар ба ҳисоби миёна дар соли 2023 29,31%-ро ташкил намудааст. Вобаста ба ин муаллиф дар зербоби 2.1 ҷолибияти минтақаро барои сармоягузориҳои хориҷӣ дар сатҳи

зарурӣ мавриди таҳлил ва баҳодиҳии амиқ қарор дода ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст (саҳ.57-71). Аз ҷумла муаллиф дар раванди таҳлил муайян намудааст, ки коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ба таври бояду шояд дар минтақа ба роҳ мода нашудааст. Ба ақидаи муаллиф дар вилоят соҳаҳои саноати коркардро тараққӣ додан зарур аст (саҳ.64). Ҳамзамон, муаллиф соҳаҳои ҷолибияти минтақаро барои сармоягузории хориҷӣ ба таври зарурӣ шарҳ дода, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва нақши онҳоро дар рушди соҳаҳои иҷтимоии минтақа асоснок намудааст (60-71).

Дар натиҷаи таҳлили ҷалби сармоягузории хориҷӣ муаллиф сармоягузориҳои хориҷиро ба сармоягузориҳои мустақим, портфелӣ ва дигар сармоягузориҳо ҷудо намуда, моҳият ва нақши онҳоро ба таври зарурӣ шарҳ додааст (саҳ.74-75). Дар баробари ин сохтори сармоягузориҳои хориҷӣ дар минтақаи Хатлон таҳлил гардида, ҳиссаи онҳо дар таркиби сармоягузориҳои воридгаштаи хориҷӣ дар минтақа муайян карда шудааст (саҳ.75-76).

Аз ҷониби диссертатнт динамикаи сармоягузориҳои хориҷии воридшуда ба вилояти Хатлон дар сатҳи мамлакатҳои асосии сармоягузор дар солҳои 2015-2023 таҳлилу баррасӣ гардида, саҳми алоҳидаи ҳар як мамлакат дар сармоягузорӣ ба волояти Хатлон муайян гардидааст. Муҳаққиқ зимни таҳлил муайян намудааст, ки саҳми мамлакатҳои ИДМ дар сармоягузорӣ ба волояти Хатлон на он қадар назаррас аст (саҳ.77-80).

Ба андешаи муаллиф барои минтақаҳои кишвар ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ афзалият доранд. Онҳо барои бахши воқеии иқтисодиёт заминаи устувори молиявию инфрасохторӣ ва технологӣ гузошта, ба соҳаҳои муҳимми фаъолияти хоҷагидории кишвар равона мегарданд. Инчунин, ба рушди соҳаҳои иҷтимоӣ низ мусоидат менамоянд (саҳ.83).

Муаллиф зимни таҳлил асоснок намудааст, ки ба шаҳру ноҳияҳое бештар сармоягузориҳо дохил мешаванд, ки инфрасохтори хуб доранд ва барои сармоягузорон ин минтақаҳо ҷолибтаранд (саҳ.91). Дар раванди таҳлил диссертант муайян кардааст, ки вилояти Хатлон дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ дар воридоти сармоягузориҳои дигари хориҷӣ баъд аз шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд мавқеъ дорад. Дар асоси таҳлил муаллиф қайд менамояд, ки ҳаҷмҳои воридоти сармоягузориҳои дигари хориҷӣ ба вилоят дар маҷму қаноатбахш мебошад (саҳ.93).

Дар натиҷаи талил ва таҳқиқ, муаллиф хулоса намуда қайд менамояд, ки сармоягузории мустақими хориҷӣ метавонад ба рушди инфрасохтор, аз қабили роҳҳо, энергетика равона карда шавад, ки шароити тиҷорат ва ҷомеаро, дар маҷмуъ, беҳтар мекунад. Инчунин, сармоягузории мустақими хориҷӣ барои таҳкими робитаҳои иқтисодии байни дигар минтақаҳои

кишвар, эҷоди шарикӣ ва афзоиши мубодилаи байналмилалии технология, таҷриба ва фарҳанг дар вилоят мусоидат мекунад (саҳ.98).

**Дар доираи боби сеюми диссертатсия бошад, «Самтҳои такмилдиҳии равандҳои сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон»** рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун омили муҳимми ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар вилоят баррасӣ гардида, мушкилоти асосӣ ва усулҳои беҳсозии фазои сармоягузорӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шуда, роҳҳои такмили равандҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа пешниҳод гардидаанд (саҳ. 101-148).

Дар натиҷаи таҳлил муаллиф қайд менамояд, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва баланд бардоштани ҷолибиятнокии онҳо, дар вилоят ба қатори масъалаҳои мубрамтарин шомил мешаванд. Ҳалли масъалаҳои номбаршуда метавонанд, рушди воридоти сармоягузориҳои хориҷиро фаъолтар гардонанд (саҳ.102). Яке аз шартҳои муҳимми ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсиси заминаи ҳуқуқии ҳавасмандгардонии сармоягузорони хориҷӣ мебошад. Вобаста ба ин аз ҷониби муҳаққиқ заминаи ҳуқуқии ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат дар шакли ҷадвал таҳия ва пешниҳод гардидааст (саҳ.103).

Диссертант шакл ва ҳадафҳои таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Кулоб», «Данғара» ва «Панҷ»-ро баррасӣ намуда, ҳолати фаъолияти ин минтақаҳоро мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор додааст (саҳ.105-110). Дар натиҷаи таҳқиқ муаллифи диссертатсия, сабабҳои рушди сусти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, омилҳо, монеаҳои ба рушди онҳо таъсиррасонандаро муайян намудааст, ки қисми онҳо характери объективӣ дошта, қисми дигарашон характерҳои субъективӣ доранд (саҳ.111). Ҳамзамон, аз тарафи муҳаққиқ чораҳои мушаххас доир ба беҳтар намудани вазъият пешниҳод гардидааст (саҳ.113).

Муаллиф ҳангоми таҳқиқи мушкилоти асосии фазои сармоягузорӣ дар минтақа муайян намудааст, ки бисёр ноҳияҳои минтақа дар солҳои таҳлилии гузаронидашуда (2015-2023) натавонистаанд, ки сармоягузориҳои хориҷиро ҷалб намоянд. Пеш аз ҳама, бояд инфрасохтори нокифоя рушдёфтаро дар қисми зиёди қаламрави вилоят қайд намудан лозим аст. Муҳаққиқ мушкилоти асосии мавҷударо дар ҷалб ва воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ муайян намуда дар шакли ҷадвал пешниҳод намудааст (саҳ.115-116).

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлилҳо дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон барои рушди соҳаи мазкур, ба ақидаи муаллиф, иҷрои тадбирҳои таҳкими равандҳои сармоягузорӣ (расми 3.1) зарур мебошад. Ба андешаи муҳаққиқ иҷрои чунин тадбирҳо барои рушди фаъолияти минтақа ва таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ заминаи

устувори молиявию инфрасохторӣ хоҳад гузошт (саҳ.124).

Таъсиси фазои мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар маҷмуи тадбирҳоро талаб мекунад. Вобаста ба ин муаллиф самтҳои асосии фаъолияти кишварро дар соҳаи рушди фазои сармоягузорӣ барраси намуда, қисмҳои муҳими онро дар расми 3.2 таҳия ва пешниҳод намудааст (саҳ.130). Ба назари диссертант баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ дар воқеиятҳои ҳозира муносибати бисёрҷанбаро талаб мекунад. Он аз такмил додани заминаи ҳуқуқӣ ва фискалӣ оғоз ёфта, ба ин васила заминаи боэътимод ва шаффоф барои пешбурди тиҷорат фароҳам меорад. Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомшуда ба муҳаққиқ муяссар гардидааст, ки роҳҳои мукаммалнамоии ҷалби сармоягузории хориҷиро дар вилояти Хатлон пешниҳод намояд (расми 3.1). (саҳ.132). Дар асоси таҳлилҳо ва натиҷаҳои бадастомада, муаллиф иброз медорад, ки сармоягузории хориҷӣ ба рушди иқтисодии кишвар ва минтақаҳои он таҳким бахшида, барои иштирокчиёни бозор, ширкатҳо ва лоиҳаҳо захираҳои иловагии молиявиро пешниҳод мекунад (саҳ.144).

**Дар қисмати хулосаву пешниҳодот** натиҷаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудаанд (саҳ. 149-154).

### 6. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот

Ҳамаи марҳилаҳои иҷроиши нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла, таҳияи мавзуъ, асосноккунии аҳаммияти илмию назариявӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, таҳлили вазъи масъала, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, пешниҳодот доир ба беҳсозии фазои сармоягузорӣ бевосита аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд.

Инчунин, интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ низ ба назар мерасанд, ки саҳми илмии муаллифро дар рушди хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар мамлакат равшан инъикос менамоянд.

### 7. Эрод ва баъзе тавсияҳо барои беҳтар гардидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

Дар баробари муваффақиятҳо, дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудию норасоиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо моҳияти илмию амалӣ ва методологии таҳқиқотро беҳтар хоҳанд намуд:

1. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот ниёз ба асосноккунии иловагӣ бо стратегияву барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла барномаҳои рушди вилояти Хатлон дорад;

2. Муаллиф ҷанбаҳои назариявию методологии сармоягузориро дар иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ асосан дар такя ба олимони хориҷӣ таҳқиқ намудааст. Барои тақвияти кор беҳтар мебуд, агар ба андешаҳои иқтисодшиносони ватанӣ, ки дар диссертатсия кам ба назар мерасад, тавaҷҷуҳи бештар зоҳир мегардид;

3. Дар кори диссертатсионӣ муҳаққиқ на дар ҳамаи ҳолатҳо андешаи худро доир ба иқтибосҳои овардашуда пурра баён намудааст, ки аз назари илмӣ ба сифати диссертатсия таъсири манфӣ мерасонад;

4. Дар боби дуюми диссертатсия муаллиф маълумотҳои омориро истифода бурда, таҳлилҳо гузаронида баҳодиҳӣ намудааст, аммо сабабҳои тамоюли камшавӣ ва ё зиёдшавии ин нишондиҳандаҳоро илман асоснок накардааст (масалан кадом омилҳо таъсир расонидаанд, ки ин нишондиҳандаҳо тағйир ёфтаанд);

5. Муаллиф дар боби дуюм вобаста ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба вилояти Хатлон 9 – ноҳияро мавриди таҳлил қарор додааст. Сабаб дар чӣ бошад, ки дигар ноҳияҳои вилоят аз мади назари таҳлил дур мондаанд;

6. Муаллиф бояд сохтори соҳавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба вилояти Хатлон ва сабабҳои тамаркузи онҳоро дар бахшҳои мушаххас аниқтар муайян менамуд.

Боиси тазаккур аст, ки эроду тавсияҳои зикргардида, ба андешаи мо, ба аҳаммият ва сатҳи баланди назариявию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқотҳои минбаъда ба инобат гирифта шаванд. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар сатҳи баланди илмию амалӣ иҷро шуда, аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

## 8. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дарадаи илмии дархостшаванда

Аз рӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи докторант (PhD) Давлатзода Дилшод Шералӣ бармеояд, ки тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва ба талаботи чунин намуди корҳо ҷавобгӯ мебошанд.

## 9. Интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия

Натиҷаҳои нисбатан муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи байналмилалӣ баррасӣ ва муҳокима гардида, дар маҷмуъ аз ҷониби муаллифи диссертатсия вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

9 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудаанд, ки онҳо зиёда аз 3,9 ҷузъи чопиро дар бар мегиранд.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) ба талаботи “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022 таҳти №3 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**11. Мувофиқати матни автореферат ба мазмуни диссертатсия**

Автореферати кори диссертатсионӣ таркиби асосӣ, навгониҳои илмӣ ва мушахассоти диссертатсияро тавсиф намуда, интишороти муаллиф дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро бо таҳияи муқаррароти назариявию амалӣ ҷиҳати хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар мамлакат, хусусан вилояти Хатлонро ифода мекунад. Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

**12. Хулосаи умумӣ**

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Дилшод Шералӣ кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки ҷанбаҳои назариявию амалии хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷиро ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан вилояти Хатлонро дар марҳилаи муосир мукаммал ва тараққӣ медиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» дар сатҳи зарурии илмӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии

доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратмаҷлиси №7 аз 24 феврали соли 2026).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар. Натидаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
**д.и.и., профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Усманова Т.Ҷ.**

**Ташхисгар:**
**доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия, и.в., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Айниддинзода (Авгонов) Н.А.**

**Котиби ҷаласа:**
**н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Газиев М.Н.**

*Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоева 63/3*
*Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*
*Тел: +992 372 34 59 73,* ***http:****//www.tut.tj*

Имзоҳои Усманова Т.Ҷ., Айниддинзода Н.А., ва Газиев М.Н.-ро тасдиқ менамоям:
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорат** **Абдуназаров А.Ҷ.**